*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Рушди устувори иқтисодиёти давлат пеш аз ҳама ба фаъолияти самараноки бахши соҳибкорӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори он вобастагии калон дорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот, рушди рақобат ва таъмин намудани буҷети давлатӣ тавассути андозҳо баромад менамояд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб меёбад. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ рушди фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ташкили инфрасохтори зарурӣ ва муҳайё намудани заминаҳои мусоиди иқтисодию молиявӣ ғайриимкон мебошад. Инфрасохтори соҳибкорӣ маҷмӯи ташкилоту муассисаҳо, механизмҳо ва воситаҳоеро дар бар мегирад, ки барои фаъолияти устувори субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамоянд. Ба ҷумлаи онҳо низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бозори молиявӣ, марказҳои хизматрасонӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин дастрасӣ ба технологияҳои муосир дохил мешаванд. Маҳз мавҷудияти чунин инфрасохтор ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки фаъолияти худро васеъ намуда, рақобатпазирии худро дар бозор баланд бардоранд. Дар баробари ин, фаъолияти соҳибкорӣ имрӯзҳо ба ҷалби сармоягузорӣ ва дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ ниёз дорад. Бе муҳайё намудани заминаи устувори молиявӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бозори молиявӣ фаъолияти самараноки соҳибкорӣ душвор мегардад. Аз ин лиҳоз, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, пешниҳоди қарзҳои

имтиёзнок, дастгирии лоиҳаҳои истеҳсолӣ ва рушди шаклҳои нави маблағгузорӣ аҳаммияти муҳим пайдо менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори он ва такмили механизмҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро муайян менамояд.

Дар диссертатсия муаллиф аз усули системавии таҳқиқот истифода намудааст, ки тавассути он пайдарҳамии мантиқии фикрҳо, таҳлилу баррасии маълумотҳо, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ ба ҳамдигар мутобиқ ва асоснок гардидаанд. Истифодаи чунин усул имконият додааст, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ ба таври ҳамаҷониба омӯхта шуда, робитаи байни омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва институтсионалӣ ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад.

Навгониҳои илмии рисола дар таҳқиқ ва пешниҳоди механизмҳои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди соҳибкории сабз, инчунин такмили механизмҳои маблағгузории сабз барои дастгирии бахши соҳибкорӣ ифода меёбанд. Муаллиф масъалаҳои коҳиш додани таъсири партовҳои газҳои гулхонай ба ҳавои атмосфераро мавриди омӯзиш қарор дода, роҳҳои муосири ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории экологиро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф модели ҳамгироии давлат, бахши хусусӣ ва соҳибкориро таҳия намудааст, ки барои тақвияти ҳамкориҳои институтсионалӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои иқтисодию экологӣ мусоидат менамояд. Мавҷудияти чунин пешниҳодҳои илмӣ арзиши назариявӣ ва амалии рисоларо баланд бардошта, сифати илмии корро беҳтар намудааст.

Самтҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои асосноккунии назариявии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, омӯзиши усулҳои муосири ҳамкорӣ дар шароити иқтисоди муосир, инчунин муайян намудани роҳҳо ва механизмҳои татбиқи онҳо бахшида шудаанд. Муаллиф масъалаҳои мазкурро аз нуқтаи назари илмӣ-методологӣ мавриди таҳлил қарор дода, заминаҳои назариявии рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусиро асоснок намудааст. Дар рисола хусусиятҳои асосии ҳамкориҳои институтсионалӣ, нақши давлат

дар дастгирии бахши хусусӣ ва аҳаммияти истифодаи механизмҳои муосири идоракунӣ дар рушди соҳибкорӣ баррасӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот вазъи рушди соҳибкорӣ, равандҳои маблағгузорӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ ва шаклҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар шароити муосири иқтисодӣ муайян намуда, таъсири муҳити иқтисодӣ ва молиявиро ба рушди соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин, масъалаҳои марбут ба дастгирии давлатӣ ҷиҳати муҳайё намудани инфрасохтори тиҷоратӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили механизмҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ манзур карда шудаанд.

Пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар шароити иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаҳои энергияи барқароршаванда, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва ирригатсия, идоракунии партовҳо, рушди нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ безарар, инфрасохтори рақамӣ ва дигар самтҳои муҳими иқтисодӣ аз ҷумлаи бурдбориҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар доираи таҳқиқот на танҳо самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳоро муайян намудааст, балки механизмҳои муосири маблағгузориро низ пешниҳод кардааст, ки метавонанд барои ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ мусоидат намоянд. Ин пешниҳодҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисоларо баланд бардошта, барои рушди иқтисоди сабз ва таҳкими ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар баробари бурдбориҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар қисми назариявӣ ақида ва назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба таври кофӣ ва фарогир мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд;

2. Сатҳи сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид, агар механизмҳои молиявӣ ва раванди дастгирии давлатӣ дар доираи ин механизмҳо ба таври мушаххас, пайдарҳам ва қадам ба қадам нишон дода мешуданд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ, мазмун ва сатҳи таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия ба масъалаи муҳими илмӣ ва амалӣ бахшида шуда, дар шароити рушди иқтисоди сабз ва тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди соҳибкорӣ, такмили механизмҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва истифодаи механизмҳои муосири маблағгузории сабз мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иқтисоди сабз истифода гарданд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот, аҳаммияти илмӣ ва амалии пешниҳодҳои манзургардида, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулоса кард, ки кори диссертатсионӣ дар сатҳи зарурии илмӣ ва методологӣ таҳия гардидааст. Бо ин асос, диссертант Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Муқарриз
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Калемуллоев М.В.

Имзои Калемуллоев М.В.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.